48


**ВАЗОРАТИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МИНИСТЕРСТВО ПО ЧРЕЗВЫЧАЙНЫМ СИТУАЦИЯМ И ГРАЖДАНСКОЙ ОБОРОНЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

734025, г. Душанбе ул. Лохути , 19. Тел. 23-17-78 Р/с ч 178210605 в ОПЕРУ Национального банка Республики Таджикистан.


№31/683 аз 25.05.2006

БА ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Соли гузашта дар натиҷаи ба амал омадани обхезии калон дар минтақаи Чубеки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба хоҷагии халқи мамлакат зарари калони иқтисодӣ ворид гардид. Ҷиҳати рафъи оқибатҳои вазнини ин обхезӣ бо супориши махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти кишвар дар ин минтақа аз тарафи вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ оиди барқароркунии иншоотҳои соҳилмустаҳкамкунии харобшуда ҳаҷми зиёди корҳо ба анҷом расонида шуд.

Ба анҷом расонида шудани корҳои барқароркунӣ хавфи рахна шудани иншоотҳои муҳофизатиро дар қитъаҳои гуногун кам кардааст, аммо мувофиқи маълумотҳои аз Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал дастрасгардида, бо сабаби боришоти зиёд дар болооби дарёи Панҷ ва зиёда будани захираи барф дар баландкуҳҳо, имсол ҳам чун соли гузашта баландшавии сатҳи оби дарё аз эҳтимол дур нест. Дар назар дошта шудани баландшавии ҳарорат дар моҳҳои июн ва июл низ ба обшавии босуръати пиряхҳо оварда расонида, вазъиятро боз ҳам ҷиддитар мегардонад. Аз ин лиҳоз, ба мавсими нави обхезӣ, ки дар ин минтақа аз аввалҳои моҳи июн сар шуда, нимаи дуйуми моҳи июн ва даҳаи аввали моҳи июл ба нуқтаи баландтарин мерасад, аз ҳар ҷиҳат омода шудан лозим меояд.

Ниҳоят ҷиддӣ будани вазъияти ҷойдоштаро ба инобат гирифта, бо ташаббуси Маркази иттилоотию таҳлилии Вазорати ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мутахассисони Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд, Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои рафъи оқибатҳои офатҳои табиии Вазорати ҳолатҳои фавқулодда, Маркази илмӣ-тадқиқотии Агентии миллии кайҳонӣ, геодезӣ ва харитасозии «Тоҷиккоинот», Сарраёсати «Геологияи Тоҷик», Агентии обуҳавошиносӣ ва Пажуҳишгоҳи лоиҳакашии назди Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили маълумотҳои бисёрсола оиди тағйирёбии сатҳи оби дарёи Панҷ, ҷойивазкунии маҷрои он ва пешгӯии обу ҳаво дар ин минтақа гузаронда шуд.

Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда нишон доданд, ки имсол ҳам чун солҳои пешин, баланд шудани сатҳи оби дарёи Панҷ, дар баъзе минтақаҳои соҳили рости ба маҷрои кӯҳнаи дарё мансуб, шусташавии соҳилҳо, рахнашавии иншоотҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, зери об мондани маҳалҳои алоҳидаи аҳолинишин ва дар маҳалҳои дигари аҳолинишин баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ аз эҳтимол дур нест. Ба ҳар ҳол, барои дар ғафлат намондан, ҷиҳати омода шудан ба ҳолатҳои фавқулоддаи эҳтимолӣ чораҳои зарурӣ андешидан лозим.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳлил се ҳолати рахнашавии эҳтимолии иншоотҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар назар дошта мешавад (Замимаи1). Дар ҳолати рахнашавии эҳтимолии иншоотҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар наздикии деҳаи Метинтуғай, мумкин аст қисми зиёди деҳаи Метинтуғай (аҳолиаш 3537 нафар, 492